**Course name: National economy**

**Week 5:** ***Indicators for assessing the performance of the national economy and their description***

# Номи фан: Иқтисоди миллӣ

*(National economy)*

## МАВЗӮИ 5. Нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти иқтисоди миллӣ ва тавсифи онҳо

**Саволҳои лексия:**

1. Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва усулҳои ҳисобкунии он
2. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дигар нишондиҳандаҳои тараққиёти иқтисоди миллӣ
3. Тавсифи нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисоди миллӣ

### 1. Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва усулҳои ҳисобкунии он

Натиҷаи фаъолияти иқтисоди миллиро мол ва хизматҳое ташкил медиҳанд, ки дар мӯҳлати муайяни вақт истеҳсол шудаанд ва онҳоро маҳсулоти миллӣ меноманд. Нишондиҳандаҳое, ки ҳаҷми маҳсулоти миллӣ ва умуман натиҷаи фаъолияти иқтисоди миллиро нишон медиҳанд, истифода карда мешаванд ва онҳоро нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ меноманд, ки яке аз ҳамин гуна нишондиҳанда Маҷмӯи Маҳсулоти Миллӣ (МММ) мебошад[1].

МММ – ин арзиши бозории мол ва хизматҳое мебошанд, ки шаҳрвандони кишвар дар дохил ва берун аз кишвар дар муддати як сол истеҳсол намудаанд.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ вобаста ***ба нарх***, ки омили асосии афзояндаи МММ ба ҳисоб меравaнд, МММ-ро ба номиналӣ ва ҳақиқӣ ҷудо менамоянд.

***МММ номиналӣ***– ин арзиши бозории молу хизматҳо бо нархҳои соли базавӣ (соли гузатша) мебошад.

***МММ ҳақиқӣ*** **–** ин арзиши бозории молу хизматҳо бо нархҳои соли ҷорӣ мебошад.

Ҳамин тавр, муносибати байни МММ номиналӣ ва МММ ҳақиқӣ зиёдшавии МММ-ро аз ҳисоби нарх нишон дода –дефлятори МММ номида мешавад:

---

[1] Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

$$ДМММ = \frac{ МММ\text{-}и\ номиналӣ }{ МММ\text{-}и\ ҳақиқӣ } \times 100\ \%[2];$$

Вобаста ***ба шугл*** МММ-и имконпазир ва воқеиро аз хамдигар фарқ мекунанд. МММ-и имконпазир гуфта – ин ҳаҷми истеҳсоли молу хизматҳоро ҳангоми ҷой доштани бекории даврӣ меноманд.

МММ-и воқеӣ – ин ҳаҷми истеҳсоли молу хизматҳоро ҳангоми ҷой надоштани бекор ва бо вақти зиёд меноманд.

МММ бо ду усул ҳисоб карда мешавад:

- аз рӯи хароҷотҳо ва аз рӯи даромадҳо.

Мувофиқи усули якум МММ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

МММ=C+Jg+G+Nx, ки дар ин ҷо С-хароҷотҳои истеъмолии шахсӣ (оид ба харидани маҳсулоти ниёзи аввала, хӯрока, пӯшока ва молҳои истифодаашон дурудароз), Jg –маблағгузории умумӣ (барои сохтмон, харидани таҷҳизот, коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо.), G –Хароҷотҳои давлатӣ (барои мудофиа, маориф, тандурустӣ, ҳифзи ҳуқуқ) ва Nx –содироти соф.

Мувофиқи усули даромадҳо ҳисоби МММ аз руи формулаи зерин сурат мегирад:

МММ=даромад аз меҳнат (музди кор) +даромад аз моликият +фоидаи тақсимнашудаи ширкатҳо +рента +фоизи қарз +андозҳои ғайримустақим +истехлок (амортизатсия) +дивидент.

***Даромад аз меҳнат*** – шакли асосии даромад ба ҳисоб меравад, ки дар шакли музди кор зоҳир мегардад ва онро корхонаҳо ба коргаронашон медиҳанд. ***Даромад аз моликият*** – ин даромади соҳаи (сектори)-и хусусӣ аз сармоя мебошад. ***Фоидаи карз*** ба самтҳои зерин тақсим карда мешавад: ба буҷаи давлатӣ ҳамчун андоз, ба соҳибони саҳмияҳо ҳамчун дивидент ва ба фоидаи тақсимнашаванда, ки барои сармоягузори истифода шуда ба МММ дохил мешавад. ***Рента*** ин фоидае мебошад, ки аз истифодаи амвол хусусан аз истифодаи замин гирифта мешавад. ***Фоизи қарз*** – ин даромади соҳибони сармояи пулӣ мебошад, ки ба ивази истифодаи сарморяашон соҳиб шудаанд. ***Андозҳои ғайримустақим*** –андозҳое мебошанд, ки соҳибкорон ба буҷа баъди фурӯши молу хизматҳояшон пардохт мекунанд. ***Дивидент*** –даромади соҳибони саҳмияҳо мебошад, ки аз фоидаи умумии шаркатҳо ҷудо карда мешавад. ***Истехсолок*** –маблагҳое мебошанд, ки аз даромади умумии фирмаю муассисаҳо барои нав кардани сармояи асосӣ ҷудо карда мешаванд.

---

[2] Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

## 2. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дигар нишондиҳандаҳои тараққиёти иқтисоди миллӣ.

Дар иқтисодиёт дар баробари маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ) нишондиҳандаҳои маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва даромади миллиро (ДМ) низ ба сифати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ истифода мебаранд.

**Маӯҷмӯи маҳсулоти дохилӣ** (ММД) – ин арзиши тамоми молу хизматҳое мебошад, ки танҳо дар дохили кишвар истеҳсол карда шудаанд. Фарқияти асосии нишондиҳандаҳои МММ ва ММД инҳо мебошанд:

-**МММ** натиҷаи фаъолияти иқтисодии сармояи миллиро, ки дар беруни кишвар вуҷуд дорад инъикос мекунад, аммо натиҷаи фаъолияти сармояи хориҷии дар дохили кишвар амалкунанда ба МММ дохил намешавад.

-**ММД** натичаи фаъолияти иқтисодии сармояи миллиро, ки дар беруни кишвар амал мекунад, инъикос накарда, баръакси МММ, натичаи фаъолияти сармояи беруниро дар дохили кишвар, дар худаш инъикос мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки як қисми МММ-ро маҳсулоте ташкил мекунад, ки сармояи милли дар хориҷа ба вуҷуд овардааст ва як қисми ММД-ро маҳсулоте ташкил мекунад, ки сармояи хориҷӣ дар кишвар ба вуҷуд овардааст. Бинобар ҳамин агар МММ ва ММД зиёд шавад, пас ин маънои онро дорад, ки соҳибкорони дохилӣ дар беруни кишвар нисбат ба соҳибкорони хориҷии дар дохили кишвар амалкунанда, бештар молу хизматҳо истеҳсол намудаанд[3].

Даромади миллӣ (ДМ) – ин маҷмӯи даромадҳои ҳамаи соҳибони омилҳои истеҳсолотро меноманд. Бояд кайд намуд, ки дар адабиётҳо барои муайян намудани ДМ аз консепсияи марксистӣ ва неоклассикӣ истифода мекунанд. Мувофики консепсияи марксистӣ даромади миллӣ ин арзиши нав ба вуҷудовардашударо меноманд[4].

Аз ҳамин ҷиҳат К. Маркс барои ҳисоб намудани даромади миллӣ формулаи зеринро истифода кардааст:

ДМ=V+m, яъне сармояи гардон (музди кори коргарон) +арзиши илова.

Мувофики консепсияи неоклассикӣ даромади миллӣ ин арзиши бозории мол ва хизматҳое мебошад, ки баъд аз хориҷ намудани маблағи истеҳлок ва андозҳои ғайримустақим боқӣ мондааст[5].

---

[3] Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.
[4] Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.
[5] Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 312 с.

Дар баробари ин барои ҳисоб намудани даромади миллӣ онҳо формулаи зеринро пешниҳод намудаанд:

ДМ = МММХ – Az, ки дар ин ҷо ДМ-даромади миллӣ; МММХ – маҷмеи маҳсулоти миллии холис;  Az – андозҳои ғайримустақим.

Асосан ду шакли даромади миллиро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд: даромади миллии истеҳсолшуда ва даромади миллии истифодашуда. Даромади миллии истеҳсолшуда – ин мавқеи арзиши молу хизматҳои нав ба вуҷудовардашуда мебошад. Даромади миллии истифодашуда – ин даромади миллии истеҳсолшуда бо истиснои (яъне минуси) зарар аз офатҳои табиӣ, зарар ҳангоми нигоҳдории мол ва дигар намуди зарарҳо мебошад.

Мақсади асосии истеҳсоли бештари молу хизматҳо ин баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳоли мебошад. Дар бахши макроиктисодӣ барои нишон додани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз нишондиҳандаҳои ***даромади шахсӣ ва даромади дар ихтиёрбуда*** истифода мебаранд.

Даромади шахсӣ (ДШ) – ин суммаи ҳамаи даромадҳо аст, ки то супоридани андозҳо дар ихтиёри шахсони алоҳида ё оилаҳо боқӣ мондааст. Ба даромади шахсӣ ҳамаи даромадҳою пардохтҳои трансфертӣ дохил мешаванд ва он барои истеъмол, пасандоз ва пардохти андозҳо сарф карда мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат ДШ аз руи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

ДШ = ДМ – ҳиссаҷудокуниҳо бо фонди суғурта – андоз ба фоидаи ширкатҳо – фоидаи тақсимнашудаи ширкатҳо + пардохтҳои трансфертӣ.

Даромади дар ихтиёрбуда – ин даромадест, ки баъд аз супоридани андоз аз даромад боқӣ мемонад, яъне ДДИ =ДШ-ААД (андоз аз даромад)[6].

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 ба самтҳои асосии сиёсати дохилию берунии ҷумҳурӣ бахшида шуда буд. Ҳамзамон, дар Паём таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҳамчун масъалаи меҳварӣ қарор гирифтааст.**

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ – ин маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) мебошад, ки маҳз аз рӯйи ин нишондиҳанда дараҷаи таъмини мувозинати иқтисодии кишвар ва соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиётро арзёбӣ менамоянд. Ба ақидаи Роҳбари Олии давлат дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, ММД-и кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва он ба зиёда аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Барои муқоиса қайд менамоем, ки дар ҳафт соли охир (ба ғайр аз солҳои 2020 ва 2021 бо сабаби таъсири ногувори Пандемия (COVID-19) суръати рушди

[6] Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид[7].

Таҳлили ММД, суръати афзоиши он ва истеҳсоли он ба ҳар нафар аҳолӣ дар давраи солҳои 2010-2021 нишон медиҳад, ки ММД дар соли 2021 дар муқоиса нисбати соли 2010 ба андозаи 3,3 маротиба ва нисбати соли гузашта ба микдори 16367,6 млн. сомонӣ ё ки 119,8 % зиёд гардидааст. Дар давраи солҳои 2020-2021 новобаста аз тағйирёбии вазъияти молиявӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва вазъи сиёсӣ дар як қатор давлатҳо (аз ҷумла дар давлати Украина), ҷорӣ кардани як қатор муҷозот (санксия)-ҳои иқтисодии давлатҳои Аврупо нисбат ба Федератсияи Россия, афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурии мо аз устувории иқтисодиёти давлат гувоҳӣ медиҳад. Як нуқтаро, ки албатта тамоюли мусбӣ доранд низ қайд кардан бомаврид аст – ин ҳам бошад баланд гардидани нархи молҳои асосии содиротӣ (алюминий ва нахи пахта)-и ҷумҳурии мо дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки ба баланд гардидани нишондиҳандаи макроиқтисодӣ такони ҷиддӣ бахшида истодааст. Барои муқоиса қайд менамоем, ки айни ҳол дар бозори ҷаҳонӣ (“Биржаи Чикаго CME Group”) қимати як тонна нахи пахта 2260 доллари амрикоӣ ва як тонна алюмини аввалия 2239 доллари амрикоӣ арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмуъ, новобаста аз ҳамаи муаммоҳои ҷойдошта, ММД-и ҷумҳурии мо дар солҳои охир рӯ ба афзоиш ниҳода, аз он ҷумла дар муқоиса нисбати баъзе кишварҳои ИДМ бо назардошти сабабҳои объективӣ ва таъсири омилҳои берунӣ рӯ ба афзоиш мебошад. Масалан, таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодии қаблӣ, аз он ҷумла дар соли 2019 нишон дод, ки дар рӯйхати сегонаи пешвоҳо (“лидерҳо”) аз рӯи индекс (шохис)-и ММД-и кишварҳои ИДМ дар қатори Арманистон (7,6%) ва Туркманистон (6,3%), инчунин Тоҷикистон (7,5 %), низ шомил шудааст. Мувофиқи маълумотҳои Бонки умумиҷаҳонӣ дар соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноат ва хизматрасонӣ ба сифати омилҳои асосии ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидатканда ба ҳисоб мерафтанд, ки рушди иқтисодӣ маҳз аз ҳисоби ин соҳаҳо фаъолгардонии талаботро дар бозори дохилӣ таъмин намудаанд.

Тавре ки аз нуктаҳои Паём (аз таърихи 28 декабри соли 2023) бармеояд, қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд. Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ

---

[7] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона карда шуд[8].

Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ дар қатори дигар мушкилот ва дастовардҳои фаъолияти соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҳамзамон, қайд намуданд, ки ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудаем.

Маҳз амалисозии тадбирҳо ва чорабиниҳои комплексӣ имкон дод, ки Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар самти ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Масалан, соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё ин ки 28 % зиёд мебошад.

Таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, рушди саноатикунонии босуръат, ки ба сифати ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муаррифӣ гардидааст, низ дар Паёми навбатӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Аз сабаби оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ аст ва зиёда аз 70 %-аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад, дар чунин шароит имкониятҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, ки маҳсулоти кишоварзии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда бо назардошти ташкили корхонаҳои агросаноатӣ дар дохили ҷумҳурӣ коркард ва ба маҳсулоти тайёри саноатии дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок табдил дода шавад. Ин омил метавонад дар самти гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ ба саноатӣ-аграрӣ нақши калидии худро иҷро намояд. Ҳамзамон, соҳаи саноати ҷумҳурӣ, ки зиёда аз 90 самти истеҳсолотро муаррифӣ менамояд, асосан ба соҳаи истихроҷи ашёи хоми маъданию ғайримаъданӣ ва соҳаи коркарди маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти кишоварзӣ равона гардидааст.

Таҳлил ва тамоюли нишондиҳандаҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 4,1 млрд сомонии соли 2000 дар соли

---

[8] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

2021 ба 30,8 млрд сомонӣ (яъне 7,5 баробар) афзудааст. Масалан, таҳлилҳои иқтисодӣ собит намуданд, ки танҳо дар ҳолати коркарди нахи пахта дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ то маҳсулоти тайёр (матоъ ва либосворӣ), даромади соф аз ҳар як гектари пахта нисбат ба даромад аз фурӯши нахи пахта ҳамчун ашёи хом ба хориҷи кишвар қариб 10 маротиба афзун мегардад, ки метавонад нақши калидии худро дар рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ иҷро намояд[9].

Ҳамзамон, бо саноатикунонӣ ва нақши он дар рушди иқтидорҳои содиротӣ ҷумҳурии моро аз кишвари содироти ашёи хом ба ҷумҳурии содиротии маҳсулоти тайёр ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок табдил медиҳад, ки ин дар ниҳояти кор ба зиёд гардидани ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Тавре ки маълум аст, яке аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ- ин рушди соҳибкорӣ мебошад. Ба ақидаи Роҳбари олии давлат, бояд ба рушди соҳибкорӣ, бахусус бахши хусусӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда, заминаи ягонаи ҳуқуқӣ барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ ва сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, муҳайё карда шавад. Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд. Танҳо солҳои 2016-2023 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда зиёда 20 миллиард сомониро ташкил намуд, ки ин аз саҳми назарраси Ҳукумати мамлакат дар рушди соҳибкорӣ мебошад. Ҳамзамон, таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки агар дар соли 2013-ум саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 54 фоизро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар даҳ соли охир (яъне дар соли 2023) ба зиёда аз 70 фоиз расонида шуд.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳо бармеояд, ки тавозуни савдо ва содироти соф таи солҳои охир манфӣ буда, барзиёдии воридот нисбат ба содирот қариб 2059,9 млн. долларро ташкил медиҳад (содирот дар соли 2021 ба 2149,6 млн. долл. ИМА ва ҳиссаи воридот ба 4209,5 млн. долл. баробар мебошад). Ҳамзамон, баъзе рақаму далелҳоиояндабинӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳолати саноатикунонии босуръати кишвар тамоюли зиёдшавии ҳаҷми содирот рӯ ба афзоиш ёфта то соли 2030 метавонад то қариб ба 2,5 млрд. доллари амрикоӣ расад ва нишондиҳандаи воридот аз 4,2 млрд. то 2,9 млрд. доллари амрикоӣ коҳиш дода шавад (айни ҳол ҳиссаи соҳаи саноат якҷоя бо

---

[9] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

энергетика дар таркиби ММД – 23,4 %-ро ташкил медиҳад). Дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳоиояндабинӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат дар ММД-и кишвар ба зиёда аз 26 % расонида мешавад, ки бо амалисозии ҳадафи чоруми стратегии рушди иқтисоди миллӣ сахт вобаста мебошад[10].

Дар маҷмуъ, сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии солҳои охир, аз ҷумла паҳншавии бемории сироятии COVID-19, низоъҳои тиҷоратӣ, муноқишаҳои минтақавӣ, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ ба Ҳукумати мамлакат муяссар шуд, ки нишондиҳандаҳои рушдро дар ин марҳалаи ҳассос таъмин намод. Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид. Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид. Ҳамин тавр, дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисоди кишвар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳама давру замон рушди иқтисодиёти давлат аз тараққиёти соҳаҳои пешбарандаи он вобастагӣ дорад. Айни замон кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон имкониятҳои худро ба он равона карда истодаанд, ки бо такя ба унсурҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ саноати худро рушд диҳанд ва бо ин восита мавқеи худро дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт устувортар намоянд.

Тавре Пешвои миллат пайваста таъкид медоранд, новобаста аз дастовардҳои дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ бадастомада Ҳукумати кишварро зарур аст, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти неруи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад. Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо (ҳатто дар баъзан ҳолатҳо «низоъҳо ва ҷангҳои тиҷоратӣ») соҳаҳои рушдёбандаи иқтисодиётро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯи (ояндабинӣ)-и хавфҳои молиявӣ ва коҳиш додани таъсири онҳо ба

[10] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд[11].

Албатта дар доираи як мақола на ҳама нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурии дар Паёми навбатӣ овардашударо муаррифӣ намудан душвор ва шояд ғайриимкон бошад. Вале мехостам қайд намоям, ки дар Паём ҳамзамон дар бораи рушди рақамикунонии соҳаи молияву андоз, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок низ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи Роҳбарии олии давлат ҳанӯз ҳам нокифоя будани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, низоми сусти идоракунии корпоративӣ, зиёд будани хавфҳои амалиётӣ ва қарзӣ, боқӣ мондани қарзҳои ғайрифаъол, кофӣ набудани ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва таъсиси намояндагии бонкҳои хориҷӣ ҷиҳати беҳтар намудани маблағгузории корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҷумлаи камбудиҳое мебошанд, ки бояд ҳарчӣ зудтар бартараф карда шаванд.

Ҳамин тавр, Ҳукумати мамлакат барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар оянда низ тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад. Мо низ дар тақвияти андешаҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданӣ ҳастем, ки албатта, амалисозии тадбирҳои баррасишуда имкон медиҳанд, ки равнақи зарурии ҳамаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат асосноку баробар таъмин карда шаванд. Ҳамзамон, бо боварӣ қайд менамоем, ки амалисозии чунин тадбирҳо воқеӣ аст ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ҳолати ҳалли тадбирҳои дар боло овардашуда рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро таъмин намуда, истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматҳои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯро ба роҳ монад.

Самаранокии рушди иқтисодӣ бевосита бо ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ муқаррар карда мешавад. Дар соли 2023 ММД ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба соли 2000 наздик ба 41 маротиба афзоиш ёфт. Агар дар соли 2000 ММД ба ҳар сари аҳолӣ наздик 300 сомониро ташкил карда бошад, ин нишондод дар соли 2023 тақрибан ба 12380 сомонӣ баробар шуд. Муқоисаи ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баъд аз ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таъмини рушди иқтисодии мамлакат мутасил давом карда, сатҳи зиндагонии мардум баланд шуда истодааст.

[11] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

## 3. Тавсифи нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисоди миллӣ

Барои баҳодиҳи самаранокии иқтисодии истеҳсолот нишондиҳандаҳои конкретие зарур мебошад, ки таъсири омилҳои гуногунро ба ҷараёни истеҳсолот инъикос карда тавонанд. Зимни баҳодии самаранокии иқтисодии истеҳсолот хусусиятҳои хоси онро, ки ба натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот таъсир мерасонанд, ба инобат гирифтан лозим аст[12].

Самаранокии иқтисодии истеҳсолот тавассути нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ тавсиф карда мешавад. Нишондиҳандаҳои натуралӣ нишондиҳандаҳои асосӣ (ибтидоӣ) ба ҳисоб рафта дар соҳаи кишоварзи бештар истифода мешаванд, ки ба онҳо дохил мешавад: ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, маҳсулнокии чорво ва истеҳсоли маҳсулот ба 100 га замини кишт.

Нишондиҳандаҳои арзиши бошанд аҳамияти баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ дошта дар тараққиёти муносибатҳои молӣ-пулӣ иштирок мекунанд, ки дар ин ҷо маҳсулоти истеҳсолшуда ба сифати мол дар бозор баромад мекунад. Ба сифати нишондиҳандаҳои аризишӣ пеш аз ҳама даромади умумӣ, даромади соф, фоида ва дараҷаи даромаднокӣ истифода мешавад. Барои муайян намудани ин нишондиҳандаҳо бояд нишондиҳандаи маҳсулоти умумӣ ва маҳсулоти молиро низ бояд донист.

***Маҳсулоти умумӣ*** – ин ҳамаи маҳсулоти бавуҷудовардашуда дар давоми вақти муайян бо ифодаи пулӣ.

***Маҳсулоти молӣ*** бошад маҳсулоти фурӯхташуда мебошад, ки дар тамоми нуқтаҳои бафурӯшбарори фурӯхта шудааст[13].

***Даромади умумӣ*** (ДУ) ин фарқи байни арзиши маҳсулоти умумӣ (МУ) ва хароҷотҳои материалӣ (ХМ) мебошад, ки бо чунин формула муайян карда мешавад: ДУ =МУ-ХМ.

***Даромади соф*** (ДС) - аз фарқияти байни арзиши маҳсулоти умумӣ (МУ) ва арзиши аслии маҳсулот (Аа) муайян карда мешавад:

яъне ДС=МУ-Аа;

ҳаҷми ***даромади софро*** (ДС) низ ҳангоми аз арзиши даромади умумӣ (ДУ) тарҳ намудани ҳаҷми музди меҳнат (Мм) низ муайян карда мешавад:

ДС=ДУ-Мм;

***Фоида*** (Ф) низ яке аз нишондиҳандаи муҳимтарини иқтисодӣ ба ҳисоб рафта ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши маҳсулот (Дфм) ва арзиши аслии пурра (Аап) муайян карда мешавад: Ф=ДФм-Аап;

---

[12] Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

[13] Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

***Дараҷаи даромаднокӣ*** (Дд) ҳангоми тақсим намудани фоида (Ф) ба арзиши аслии пурра (Аап) бо % муайян карда мешавад: Дд=Ф/Аап[14].

Ба ҳмагон маълум аст, ки ҳаҷми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба 46,9 млрд баробар шудааст. Ин ниҳшондиҳанда нисбат ба соли гузашта яъне 2023 - 1,8 млрд зиёд гаштааст. Инчунин ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 154,3 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2023 - 22,6 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

## Адабиёти истифодашуда:


1. Государственное регулирование национальной экономики: учебное пособие /Е.В. Харченко, Ю. В. Вертакова. -5-е изд., перераб. И доп. – М.: КНОРУС, 2011. -328 с
2. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.
3. Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.
5. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.
6. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
7. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
8. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.
9. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе «Ирфон», 2009. - 467 с.
10. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.


[14] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.